# Ф А Р М О И Ш И
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***аз 14 апрели соли 2020 №1444 ш. Душанбе***

Дар бораи амалӣ намудании қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2020, №4/22

Бо мақсади амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2020, №4/22 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар соли таҳсили 2020-2021» мутобиқи банди 13-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1.Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2020, №4/22 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар соли таҳсили 2020-2021» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2.Ба ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад, ки қабули довталабонро барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм тибқи талаботи Қоидаҳои қабули мазкур роҳандозӣ намоянд.

3. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) риояи Қоидаҳои қабули мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таъмин намояд.

4.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Д. Қодирзода гузошта шавад.

Асос: Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2020, №4/22

Вазир М. Имомзода

Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

# ҚАРОРИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***аз 28 марти соли 2020 №4/22 ш. Душанбе***

Оид ба тасдиқи Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар соли таҳсили 2020-2021

Мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар соли таҳсили 2020-2021-ро муҳокима намуда,

Қ А Р О Р  М Е К У Н А Д:

1. Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар соли таҳсили 2020-2021 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Ба ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ супорида шавад:

2.1. Ҳангоми қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар соли таҳсили 2020-2021 талаботи бандҳои Қоидаҳои қабули мазкурро ба роҳбарӣ гиранд;

2.2. Оид ба таъсиси комиссияи қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар соли таҳсили 2020-2021 то 25 майи соли 2020 маълумот пешниҳод намоянд;

2.3. Аз натиҷаи кори комиссияи қабул то 20 сентябри соли 2020 ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи муфассали таҳлилӣ ирсол намоянд.

3. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) риояи Қоидаҳои қабули мазкурро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ таъмин намояд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир Д. Қодирзода гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир М. Имомзода

Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 марти соли 2020,
№4/22 тасдиқ шудааст

**Қоидаҳои**
**қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти**
**олии дуюм дар соли таҳсили 2020-2021**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.Қоидаҳои мазкур дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

2.Қоидаи мазкур бо мақсади ба танзим даровардани қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тайёр намудани мутахассисони варзидаи ҷавобгӯи талаботи замон ва мувофиқ ба сохти иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаву маҳорати касбии шаҳрвандон таҳия мегардад.

3. Бо назардошти дорои таҳсилоти олии касбӣ будани шаҳрвандон муҳлати таҳсил барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм барои зинаи бакалавр новобаста аз шакли таҳсил 3 сол ва барои зинаи мутахассис ва ихтисосҳои ҳамгиро 4 сол (барои ихтисосҳои соҳаи тиб тибқи муқаррарот) муқаррар мегардад (Низомномаи таҳсилоти олии дуюм қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.02.2019, №4/37).

4.Мувофиқи моддаи 41-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 19-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба шаҳрвандоне, ки таҳсилоти олии касбӣ доранд, гирифтани таҳсилоти олии дуюм (таҳсилоти минбаъдаи олии касбӣ) дар асоси шартнома (пулакӣ) иҷозат дода мешавад.

## *2.Тартиби қабули довталабон*

5. Барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷие, ки дорои диплом дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошанд (пас аз эътирофи баробарарзишии дипломи онҳо), қабул карда мешаванд.

6.Тибқи тартиби муқарраргардида баробарарзишии дипломҳои пешниҳодгардидаро Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

7.Бо мақсади қабули ҳуҷҷатҳои довталабон барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм, ташкил ва гузаронидани суҳбати қабули онҳо бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

комиссияи қабул таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ректор (директор) мебошад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба зиммаи муовини раис (муовини ректор оид ба таълим) гузошта мешавад.

8.Ректор (директор)-и аз ҳисоби омӯзгорони таҷрибадор, номзадҳо ва докторҳои илм котиби масъули комиссияи қабулро баъд аз мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин менамояд. Котиби масъули комиссияи қабул, ҷонишин ва котибони техникӣ аз ду сол зиёд пайиҳам таъин карда намешаванд. Ҷойивазкунӣ байни котиби масъул, ҷонишин ва котибони техникӣ манъ аст.

9.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ танҳо бо доштани иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ҳуқуқ дорад, ки қабули довталабонро аз рӯи равия ва ихтисосҳои мухталиф расман эълон намояд (филиали муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд мустақиман иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ дошта бошад).

10.Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки довталабонро бо иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимӣ ва инчунин шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намояд.

10.Комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯи равия ва ихтисосҳо, теъдоди қабулро аз рӯи равия ва ихтисосҳо тариқи шартномавӣ эълон намояд.

11.Қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм танҳо тибқи шартнома дар асоси иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

12.Комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд то қабули ҳуҷҷатҳои довталабон номгӯи саволномаҳои суҳбатро аз рӯи равия ва ихтисосҳо таҳия намуда, теъдоди қабули донишҷӯёнро тибқи нақшаи қабул аз рӯи равия ва ихтисосҳои амалкунанда аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ва шартномавӣ эълон намояд.

13.Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон ба комиссияи қабул аз 20 июн то 20 август ва муҳлати гузаронидани суҳбат аз 21 то 28 август таъин карда мешавад.

14.Довталабон барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва қоидаи мазкур ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар муҳлати муқарраргардида ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

-ариза ба номи ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-дипломи намунаи давлатӣ (асл) бо замимааш дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ дар хусуси фаъолияти корӣ вобаста ба самт, равия ва ихтисоси интихобкарда;

- 6 дона сурати андозаи 3 х 4 см;

- маълумотномаи тиббӣ (шакли №038);

- шиноснома ё ҳуҷҷат дар бораи тасдиқи шахсият.

15.Баъд аз суҳбати комиссия гузаштани довталаб барои қабул ба сафи донишҷӯён қарори комиссияи қабул бароварда мешавад.

16.Довталабон барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм дар асоси талаботи Қоидаҳои қабули мазкур ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тариқи суҳбат қабул карда мешаванд.

17.Дар давраи гузаронидани суҳбат бо фармоиши ректор (директор) комиссияи апеллятсионӣ таъсис ёфта, раиси он таъин карда мешавад. Дар вақти набудани раис ваколатҳои ӯ ба уҳдаи муовини раис гузошта мешавад. Ба ҳайати комиссияи апеллятсионӣ чун қоида ба сифати экспертҳои бетараф омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷалб карда мешаванд.

18. Аз рӯи натиҷаҳои суҳбат довталаб ҳуқуқ дорад, ки оид ба натиҷаи баҳои дар суҳбат гирифтааш ба комиссияи апеллятсионии назди муассисаи таълимӣ ба таври хаттӣ дар муҳлати то 3 рӯз муроҷиат намояд. Баррасии апеллятсия аз нав аз суҳбат гузаштан набуда, танҳо санҷиши дурустии баҳои суҳбати дохилшавӣ мебошад.

Баъди баррасии апеллятсия қарори комиссияи апеллятсионӣ оид ба баҳои суҳбат қабул карда мешавад. Дар мавриди ба миён омадани зарурати тағйир додани баҳо бо қарори комиссияи апеллятсионӣ дар протоколи суҳбат тағйирот ворид карда мешавад.

19. Натиҷаи суҳбат дар протоколи махсус қайд карда мешавад (нусхаи протокол замима мегардад).

20. Ҳаҷми маблағи таҳсил дар асоси қарори Шӯрои олимон муайян ва бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дар Қоидаҳои қабули муассисаи таълимӣ дарҷ мегардад. Довталабон баъди аз суҳбат гузаштан, фақат дар сурати пардохт намудани маблағи таҳсил тибқи талаботи қарордод ба муассисаи таълимӣ қабул карда мешаванд.

21.Довталабоне, ки дар рӯзи муайяншуда бесабаб ба суҳбати қабул ҳозир нашудаанд, аз суҳбат нагузашта ҳисобида мешаванд.

22.Назорат аз болои фаъолияти комиссияи қабули муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дахлдор ба амал бароварда мешавад.

23.Таъмин, риоя ва иҷрои Қоидаи қабули мазкур барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ ҳатмӣ мебошад.

24.Ба шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро тибқи нақшаи таълимии таҳсилоти дуюм бомуваффақият хатм менамоянд, диплом ва нишонаи намунаи давлатии дар бораи таҳсилоти дуюми олии касбӣ муқарраршуда бо тахассуси мувофиқ дода мешавад.

25.Ҳангоми аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ шудани донишҷӯ тартиби бозпас додани маблағи пешпардохтшуда дар асоси шартномаи байни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ амалӣ карда мешавад.

26.Фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм то 31 август дар асоси қарори комиссияи қабул ба тавсиб расонида мешавад.

*Замимаи 1*

**ПРОТОКОЛИ №_____ аз __________ соли 20____**

*Оиди гузаронидани суҳбат барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм*

Бо довталаб _______________________________________________
(ному насаб)
дар таърихи «_____» ___________соли 20___ дар комиссияи қабули _________________________________________________________________
(номи муассисаи таълимӣ)
суҳбат баргузор гардид.

Ба комиссияи қабул тибқи «Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм» ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод шудаанд.

Аз он ҷумла:

1. Диплом (№________) дар бораи хатми ___________________________
(номи муассисаи таълимӣ)
ихтисоси_________________________________________________________

2. Ба довталаб суҳбати тахассусӣ аз рӯи ихтисос баргузор карда мешавад (саволҳо бо ҷавобҳояш ҳатман замима гардад)

**Комиссияи қабул аз рӯи суҳбат чунин хулоса баровард:**

1. Сатҳи дониши довталаб дар асоси суҳбат __________________ __________________________________________________ ҳисобида шавад.
(қаноатбахш, ғайриқаноатбахш)

2. Тибқи «Қоидаҳои қабули донишҷӯён барои гирифтани таҳсилоти олии дуюм» ба сафи донишҷӯёни курси _________ шуъбаи ______________шакли таҳсили шартномавӣ аз рӯи ихтисоси ___________
(рӯзона ва ё ғоибона)
________________________________________________қабул карда шавад.

Раиси комиссияи қабул __________________________________
Аъзоёни комиссияи қабул __________________________________
__________________________________
__________________________________